# Номи курс: Фаъолияти иқтисоди берунаи корхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

(*Foreign economic activity of enterprises in the Republic of Tajikistan*).

**Week 8.** Free economic activity of foreign countries in Tajikistan
**lecturer: Rustamzoda Fitrat Muzafar**

## **МАВЗӮИ 8.** ФАЪОЛИЯТИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҶА ДАР ТОҶИКИСТОН

8.1. Мафҳуми фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва нақши он дар рушди иқтисоди миллӣ
8.2. Зарурати ҷалби сармояи хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон
8.3. Намудҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ: савдо, сармоягузорӣ, ҳамкории техникӣ ва молиявӣ

**Мақсади лексия:** омӯзиши фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва нақши он дар рушди иқтисоди миллӣ, зарурати ҷалби сармояи хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намудҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ: савдо, сармоягузорӣ, ҳамкории техникӣ ва молиявӣ ба ҳисоб меравад.

### 8.1. Мафҳуми фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва нақши он дар рушди иқтисоди миллӣ

Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ маҷмӯи муносибатҳо ва амалиётҳои иқтисодӣ мебошад, ки байни субъектҳои иқтисодии як давлат бо субъектҳои хориҷӣ, аз ҷумла давлатҳо, ширкатҳо, ташкилотҳо ва шахсони алоҳидаи хориҷӣ ба роҳ монда мешаванд. Ин навъи фаъолият асосан тиҷорати хориҷӣ (содирот ва воридот молу хидматрасонӣ), сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, ҳамкориҳои молиявию техникӣ, интиқоли технологияҳо, хизматрасониҳои байналмилалӣ ва бозорёбии муштарак ва ташкили корхонаҳои муштаракро дар бар мегирад.

Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ҳамчун яке аз василаҳои асосии ҳамгироии кишварҳо ба низоми иқтисоди ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Дар

шароити ҷаҳонишавии иқтисод, кишварҳое, ки фаъолнокии иқтисодии хориҷиро афзоиш медиҳанд, метавонанд ба бозорҳои нави молу хизматрасонӣ, сармоя ва технологияҳо дастрасӣ пайдо кунанд, ки ин ба рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад.

Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ як ҷузъи муҳими сиёсати иқтисодии ҳар як давлат ба шумор меравад ва он на танҳо барои густариши имкониятҳои бозорӣ, балки барои баланд бардоштани самаранокии иқтисод ва рушди устувори он замина фароҳам месозад.

Дар мавриди Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ аҳамияти махсус дорад, зеро кишвари мо бо як қатор мушкилоти дохилӣ — аз ҷумла маҳдудияти захираҳои дохилӣ, камбуди технологияҳои муосир ва зарурати дастрасӣ ба бозорҳои хориҷӣ рӯ ба рӯ мебошад. Бо ин васила, ҷалби сармояи хориҷӣ ва рушду густариши ҳамкориҳои иқтисодии хориҷӣ метавонад дар ҳалли ин мушкилот нақши калидӣ бозад.

**Нақши фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар рушди иқтисоди миллӣ** чунин зоҳир мегардад:

1. **Ҷалби сармоя** – сармоягузориҳои хориҷӣ барои рушди инфрасохтор, саноат, энергетика ва дигар бахшҳои иқтисодӣ мусоидат мекунанд.
2. **Технология ва ноу-хау** – бо ҷалби ширкатҳои хориҷӣ, имкони ворид кардани технологияи муосир ба кишвар фароҳам мешавад.
3. **Баланд бардоштани рақобатпазирӣ** – ширкатҳо маҷбуранд барои фаъолият дар бозори ҷаҳонӣ сифати маҳсулот ва хизматрасонии худро баланд бардоранд.
4. **Эҷоди ҷойҳои корӣ** – сармоягузории мустақим ба таъсиси корхонаҳо ва ҷойҳои нави корӣ оварда мерасонад.
5. **Баланд бардоштани қобилияти содиротӣ** – бо ҷалби шарикони хориҷӣ имконияти васеътар барои содироти молу маҳсулоти ватанӣ пайдо мешавад.

Бо назардошти ин омилҳо, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ метавонад ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти Тоҷикистон ва таъмини рушди устувори он арзёбӣ гардад.

Таҳлили ҷараёни рушди фаъолияти иқтисоди берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ҳанӯз дар ибтидои ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар самти танзими ҳуқуқии муносбатҳои иқтисодии хориҷи як қатор чораҳо амалӣ карда шудаанд.

Ҳамин тавр, 27 декабри соли 1993 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи асосҳои фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" қабул карда шудааст. Фаъолияти савдои хориҷӣ ин ҳама намуди фаъолияти марбут ба интиқоли мол, дигар молу мулки моддӣ, ҳуқуқҳо ё хизматрасонӣ, ки байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои дигар ё дар қаламрави берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад, ин соҳибкори дар соҳаи мубодилаи байналмилалии молҳо, кор ва хизматрасониҳо, иттилоот ва натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ (интелектуали) мебошад[1].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" муносибатҳои иктисодии хориҷии Тоҷикистонро муайян карда, тибқи меъёрҳои хуқуқи байналмилалӣ ҳимояи ҳуқуқҳо, манфиату амволи иштирокчиёни робитаҳои иқтисодии хориҷиро, сарфи назар аз шакли моликияташон, таъмин менамояд**,** барои якҷояшавии (интегратсияи) иқтисодиёти ҷумҳури бо низоми ҷаҳонии иқтисоди заминаи ҳуқуқи фароҳам меорад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, иборат мебошад.

Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ маҷмӯи амалҳои воқеии мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, фирмаю корхонаҳо, ассотсиатсияҳо,

---

1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти савдои хориҷии"- АМОҶТ с.2012, №7, м. 696

ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, консерну корхонаҳои муштарак, соҳибкоронро, ки минбаъд шахсони ҳуқуқию воқеӣ номида мешаванд дар бар мегирад ва мақсад аз ин амалҳо барпо намудан, ва рушди ҳамкории муфид бо давлатҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқию воқеии онҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ мебошад.

Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ на танҳо воситаи тавсеаи иқтисод, балки шарти асосии муваффақият дар муҳити рақобатпазири ҷаҳонӣ мебошад. Барои кишварҳои рӯ ба рушд, ба мисли Тоҷикистон, он нақши муҳимро дар ҷалби сармоя, такмили инфрасохтор, таъмини шуғл ва вусъати бозорҳо мебозад. Аз ин рӯ, таҳкими заминаҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иқтисодии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ бояд яке аз афзалиятҳои асосии сиёсати давлатӣ гардад.

**8.2. Зарурати ҷалби сармояи хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар шароити муосири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ба кишварҳои рӯ ба рушд ба монанди Тоҷикистон аҳамияти стратегӣ дорад. Сармояи хориҷӣ метавонад ба ҳайси воситаи муҳими рушди инфрасохтор, тавсеаи истеҳсолот, таъсиси ҷойҳои корӣ ва рушди иқтисоди миллии устувор хизмат намояд.

Тоҷикистон ҳамчун кишвари пасошӯравии дорои иқтисоди ҳанӯз ташаккулёбанда, норасоии сармояи дохилӣ ба чашм мерасад. Қисми зиёди буҷаи давлатӣ барои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ равона мешавад ва барои маблағгузории лоиҳаҳои калони иқтисодӣ маблағи кофӣ мавҷуд нест. Дар чунин шароит, ҷалби сармояи хориҷӣ ягона роҳи амалии маблағгузории лоиҳаҳои бузург, бахусус дар соҳаҳои инфрасохтор, энергетика, нақлиёт ва саноат ба шумор меравад. Бояд қайд намуд, ки барои кишваре чун Тоҷикистон, ки бахши саноати он дар солҳои охир бо суръати баланд рушд карда истодааст, ворид намудани технологияҳои муосир ва таҷрибаи менеҷменти байналмилалӣ зарур ва муҳим ба шумор меравад. Сармоягузорони хориҷӣ бо худ на танҳо маблағ, балки технологияҳои пешрафта ва системаи самараноки идоракуниро муҳаё менамоянд ва ба сифати

маҳсулот ва баланд бардоштани малакаи касбии кормандон нақши муассир мегузорад.

Бо таъсиси корхонаҳо ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории хориҷӣ, имконияти таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд меояд. Ин, аз як тараф, мушкилоти бекориро коҳиш медиҳад ва аз ҷониби дигар, сатҳи даромади аҳолиро боло мебарад, ки дар ниҳоят ба афзоиши талаботи дохилӣ ва рушди бозорҳои маҳаллӣ мусоидат мекунад.

Сармояи хориҷӣ метавонад ба афзоиши истеҳсолоти рақобатпазир ва маҳсулоте, ки қобилияти содирот доранд, мусоидат намояд. Ин барои Тоҷикистон, ки иқтисоди он аз интиқоли маблағҳои муҳоҷирон ва воридоти мол вобастагии зиёд дорад, имконият фароҳам меорад, ки сохтори иқтисоди худро диверсификатсия намояд ва тавозуни савдоро беҳтар созад.

Ҷалби сармояи хориҷӣ, хусусан аз кишварҳои пешрафта ва ширкатҳои бонуфуз, ба беҳтар шудани имиҷи сармоягузории Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мусоидат мекунад. Ин, ба навбаи худ, дари ҳамкориҳои нав ва лоиҳаҳои муштаракро боз мекунад ва боиси тақвияти мавқеи кишвар дар бозори минтақаӣ мегардад.

Дар маҷмӯъ, зарурати ҷалби сармояи хориҷӣ ба Тоҷикистон баръало ба ба чашм мерасад. Бо дарназардошти норасоии захираҳои молиявии дохилӣ, набудани технологияи муосир ва зарурати диверсификатсияи иқтисоди миллӣ, Тоҷикистон бояд сиёсати фаъол ва устувореро дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ роҳандозӣ намояд. Барои ин, ташкили муҳити мусоиди сармоягузорӣ, таъмини суботи сиёсиву иқтисодӣ ва ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон аҳамияти хоса дошта, ҷалб намудани сармояи хориҷӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон як зарурат ва на танҳо як интихоб башумор рафта, бо назардошти вазъи ҷуғрофӣ, иқтисодии дохилӣ ва имкониятҳои маҳдуди маблағгузории давлатӣ, сармояи хориҷӣ метавонад ҳамчун омили асосии рушди иқтисоди миллӣ хидмат намояд ва бояд муҳити муносиб барои сармоягузорон, аз ҷумла қонунгузории шаффоф, кафолати амният ва

дастгирии маъмуриро таъмин карда шавад, то сармояи хориҷӣ ба манфиати рушди умумии ҷомеа равона гардад.

Бо ворид шудани сармоя ва технологияҳои хориҷӣ, муҳити рақобат дар иқтисоди дохилӣ тақвият меёбад. Ин сабаби беҳтар шудани сифати маҳсулот ва хизматрасониҳо гардида, ба рушди босифати иқтисод мусоидати муҳим ва саривақти ба шумор меравад.

### 8.3. Намудҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ: савдо, сармоягузорӣ, ҳамкории техникӣ ва молиявӣ

Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ (ФИХ) яке аз ҷузъҳои муҳими сиёсати иқтисодии ҳар як кишвар ба ҳисоб меравад. Ин навъи фаъолият робитаҳои иқтисодии байни кишварҳоро танзим ва рушд медиҳад. Намудҳои гуногуни ФИХ имконият фароҳам меоранд, ки кишварҳо захираҳои худро самаранок истифода бурда, ба бозорҳои байналмилалӣ пайваст шаванд ва рушди устувори иқтисодии худро таъмин намоянд ва маҳсулотҳои истеҳсолнамудаи хешро ба бозорҳои ҷаҳонӣ пешниҳод намоянд.

Савдои хориҷӣ яке аз шаклҳои қадимтарини фаъолияти иқтисодии хориҷӣ буда, муносибатҳои тиҷоратии байни кишварҳоро фаро мегирад. Он ба ду шакл ҷудо мешавад:

- **Содирот** – фурӯши молу хизматрасониҳои ватанӣ ба бозорҳои хориҷӣ;
- **Воридот** – хариди молу хизматрасониҳои хориҷӣ барои истифода дар дохили кишвар.

Савдои хориҷӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба содироти алюминий, маҳсулоти кишоварзӣ ва нерӯи барқ машғул аст, савдои хориҷӣ манбаи муҳими даромад башумор рафта дар рушд ва баланд бардоштани иқтисодиёти мамлакат саҳми назаррасро доро мебошад. Ҳамзамон, воридоти маҳсулоти нафтӣ, техника ва молҳои истеъмолии рӯзмарра то ҳол дар ҳаҷми калон анҷом дода мешавад барои дуруст ба роҳ мондани чунин номгӯи маҳсулотҳо ба мо бештар ҷалби сармояи хориҷӣ зарур ва ҳатми ба ҳисоб меравад.

Сармоягузории хориҷӣ ба ду шакл тақсим мешавад:

- **Сармоягузории мустақими хориҷӣ (СМХ)** – воридшавии сармоя аз ҷониби ширкатҳо ё шахсони хориҷӣ ба иқтисоди кишвар бо мақсади таъсиси корхонаҳо ё хариди саҳмияҳо;
- **Сармоягузории ғайримустақим** – тавассути бозорҳои молиявӣ (хариди саҳмияҳо, вомбаргҳо, вомҳо) ба шумор меравад.

Сармоягузории мустақим боиси таъсиси ҷойҳои нави корӣ, воридоти технологияҳо ва таҷрибаи идоракунии нав мегардад. Дар Тоҷикистон, бахшҳои асосии ҷалби сармояи хориҷӣ ин энергетика, нақлиёт, сохтмон ва кишоварзӣ ба шумор меравад ва яке аз самти муҳими дигар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҳамкории техникӣ ба шумор меравад, ки ин самт барои ноил гардидан ба мақсадҳои гузошта шуда хизмат менамояд.

Ҳамкории техникӣ маънои интиқоли дониш, таҷриба, технологияи нав ва таҷҳизотро дар бар мегирад, ки аз ҷониби кишварҳо ё ташкилотҳои байналмилалӣ ба таври кумак ба кишварҳои рӯ ба рушд пешниҳод мешавад.

Ҳамкории техникӣ метавонад шаклҳои зеринро дошта бошад:

- Машваратҳои коршиносон ва мутахассисони хориҷӣ;
- Омӯзиш ва тайёр кардани кадрҳо;
- Таъмини таҷҳизоти техникии муосир;
- Барномаҳои рушди илм ва технология.

Барои Тоҷикистон, ин гуна ҳамкориҳо бештар тавассути созмонҳое мисли Бонки ҷаҳонӣ, Бонки осиёии рушд, ва СММ амалӣ мешаванд ва ин созмону ташкилотҳо барои амалӣ намудани ҳадафҳои молиявӣ нақш ва мавқеи бузур доранд ва ҳамкории молиявӣ асосан шакли гирифтани қарзҳо, грантҳо ва кумакҳои молиявӣ аз ташкилотҳои байналмилалӣ ва кишварҳои шарик ба шумор рафта, ин маблағҳо барои татбиқи лоиҳаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла сохтмони роҳҳо, мактабҳо, бемористонҳо ва шабакаҳои барқ истифода мешаванд.

Аз ҷумла, Тоҷикистон дар солҳои охир аз Бонки ҷаҳонӣ, Бонки исломии рушд, Чин ва Русия қарзҳо ва кумакҳои молиявӣ барои татбиқи

лоиҳаҳои калони иқтисодӣ (монанди НБО «Роғун», роҳи Душанбе – Чанок, фурудгоҳи Хуҷанд ва ғайра.) дарёфт намудааст.

Намудҳои гуногуни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ - аз савдо то сармоягузорӣ ва ҳамкориҳои техникӣ - барои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон аҳамияти хоса доранд. Рушди ҳар як самти ин фаъолият на танҳо имкониятҳои молиявии кишварро зиёд мекунад, балки ба такмили технологӣ, рушди кадрҳо ва таҳкими мавқеи кишвар дар бозори ҷаҳонӣ низ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, сиёсати давлатии ҷалб ва танзими фаъолиятҳои иқтисодии хориҷӣ бояд пайваста такмил дода шавад.

Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати иқтисодии ҳар як кишвар, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, имконияти вусъат бахшидан ба ҳамгироии иқтисодӣ бо кишварҳои ҷаҳон ва рушди устувори иқтисодро фароҳам меорад.

Намудҳои асосии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ — **савдо**, **сармоягузорӣ**, **ҳамкории техникӣ** ва **ҳамкории молиявӣ** — ҳар кадом бо роҳҳои муайян ба рушди иқтисоди миллӣ мусоидат мекунанд:

- **Савдои хориҷӣ** шароити дастрасӣ ба бозорҳои беруна ва таъмини эҳтиёҷоти дохилиро фароҳам меорад;
- **Сармоягузории хориҷӣ** воситаи муҳими рушди истеҳсолот, технологияи муосир ва ҷалби мутахассисони баландихтисос мебошад;
- **Ҳамкории техникӣ** таҷриба ва технологияҳои навро ворид карда, ба такмили кадрҳо ва самаранокии соҳаҳо мусоидат мекунад;
- **Ҳамкории молиявӣ** имконият медиҳад, ки лоиҳаҳои муҳими инфрасохторӣ ва иҷтимоӣ татбиқ шаванд.

Аз ин рӯ, таҳкими шарикӣ дар доираи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва ташкили муҳити мусоиди сармоягузорӣ бояд яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Тоҷикистон гардад.

**Саволҳо барои мустаҳкамкунии мавзӯъ:**

1. Мафҳуми фаъолияти фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва нақши он дар рушди иқтисоди миллиро шарҳ диҳед.

2. Зарурати ҷалби сармояи хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон манидод намоед.
3. Намудҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ: савдо, сармоягузорӣ, ҳамкории техникӣ ва молиявӣ чигуна танзим карда мешаванд.